«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ______
Насриддинзода Э.С.
«10» ____09____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» бо қарори Шурои диссертатсионии 6D-КОА-129 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи № 2 аз 10 сентябри соли 2026) мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла профессорон Шарифзода Р.Я., Муллоҷонов С.К., Хоҷаев М.П., дотсентон Асоев С.У., Баротзода Н.Б., Шоинбеков Ф.Н., муаллимони калон Абдулҳаев Ш.И., Мирзоалиев И.Ҳ., лаборанти кафедра Н. Абдулло ва дигар омӯзгороне, ки қаблан бо матни диссертатсия шинос гардида буданд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих Асоев С.У. омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ ба мавзуи мубрам бахшида шуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии илмӣ мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) мувофиқат намуда, аз рӯйи мазмун, самти таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқарраршуда барои таълифи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос бостоншиносӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба яке аз масъалаҳои муҳимми бостоншиносӣ ва омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагӣ бахшида шудааст. Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII) дар омӯзиши таърихи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии минтақа аҳаммияти муҳим дошта, барои равшан намудани равандҳои таърихии ташаккул ва рушди ҷомеаҳои маҳаллӣ, шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ заминаи муҳимми сарчашмашиносӣ ба ҳисоб меравад.

Диссертант бо дарназардошти аҳаммияти бостоншиносӣ ва таърихии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дуруст таъкид менамояд, ки ин ёдгориҳо дар байни мавзеъҳои таърихию бостоншиносии минтақаи Кӯлоб ҷойгоҳи муҳим дошта, ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолии асримиёнагиро инъикос мекунанд. Дар ҳудуди ноҳияи Данғара як силсила ёдгориҳои муҳимми бостоншиносӣ, аз ҷумла Сари Купрук, Духтарқалъа, Маҷмааи Иттиҳод, Чортеппа, Тоҷикқалъа ва ёдгориҳои меъморӣ ҷойгир мебошанд. Омӯзиши онҳо имконият медиҳад, ки хусусиятҳои рушди шаҳрсозӣ, ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва тиҷорат дар давраҳои гуногуни асримиёнагӣ амиқтар муайян карда шаванд.

Мубрамии мавзуъ ҳамчунин ба зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеъ ва нақши ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар раванди таърихӣ вобаста мебошад. Бо вуҷуди анҷом ёфтани таҳқиқоти сершумори бостоншиносӣ оид ба ёдгориҳои алоҳида, омӯзиши маҷмуии онҳо ҳамчун

низоми ба ҳам алоқаманди таърихию фарҳангӣ аҳаммияти илмии худро нигоҳ медорад. Чунин таҳқиқот барои муайян намудани хусусиятҳои ташаккул ва рушди шаҳрсозӣ, сохтори иҷтимоию иқтисодӣ, самтҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ, инчунин робитаҳои фарҳангии аҳолии маҳаллӣ бо минтақаҳои ҳамҷавор мусоидат менамояд.

Таваҷҷуҳи афзояндаи илмӣ ва байналмилалӣ ба омӯзишу ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва, аз ҷумла, ёдгориҳои марбут ба низоми роҳҳои тиҷоратии қадим, зарурати таҳқиқи илмии ёдгориҳои ҳудуди Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияи Данғараро бештар менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар давраи асримиёнагӣ на танҳо барои равшан намудани саҳифаҳои муҳимми таърихи фарҳанги тоҷикон, балки барои муайян намудани ҷойгоҳ ва саҳми минтақа дар равандҳои таърихию фарҳангии Осиёи Марказӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Бо назардошти омилҳои мазкур, мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида мубрам буда, таҳқиқи он аз нуқтаи назари бостоншиносӣ ва таърихи фарҳанг дорои аҳаммияти назаррас мебошад.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда.** Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми бостоншиносӣ – омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара бахшида шудааст. Дар диссертатсия масъалаҳои омӯзиши ёдгориҳои мазкур дар асоси маводди бостоншиносӣ, адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дараҷаи омӯзиши масъалаи таҳқиқшавандаро ба назар гирифта, ҷанбаҳои асосии ёдгориҳои мавриди назар, аз ҷумла аҳаммияти таърихию фарҳангии онҳо ва робитаи онҳоро бо ёдгориҳои ҳамзамон таҳлил намудааст. Бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, аз ҷумла таҳлили таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва муназзам, раванди ташаккул ва

рушди омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ, бостоншиносӣ ва меъмории ноҳияи Данғара мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Барои асоснок намудани хулосаҳои илмии худ Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ аз доираи васеи адабиёти илмӣ, маводди бостоншиносӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст. Гузоришҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда бо далелҳои мушаххас асоснок гардида, истифодаи маводди бостоншиносӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намудааст.

Хулосаҳои диссертатсия ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта такя намуда, аз таҳлили маводди ҷамъовардашуда ва коркарди илмии онҳо бармеоянд. Муаллиф тавонистааст мавзуи мавриди назарро аз ҷанбаҳои гуногун таҳлилу баррасӣ намуда, нақши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияро дар омӯзиши таърихи асримиёнагӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тиҷоратӣ, нишон диҳад. Хулосаҳои пешниҳодшуда мантиқӣ буда, ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда мувофиқат менамоянд.

Дар бахши пешниҳодҳо муаллиф аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон дода, имконияти истифодаи онҳоро дар таҳияи корҳои илмӣ оид ба бостоншиносии Тоҷикистон, омода намудани маводди таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи курсҳои махсус ва идомаи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии минтақа пешниҳод намудааст.

Ҳамин тариқ, муассисаи пешбар таъкид менамояд, ки гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ овардашуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқот такя менамоянд. Диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ дар сатҳи зарурии академӣ таҳия гардида, барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои муҳимми бостоншиносии минтақаҳои Тоҷикистон аҳаммияти назаррас дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада.** Яке аз ҷанбаҳои муҳимми диссертатсияро навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада ташкил медиҳад. Аз омӯзиши мазмун ва сохтори таҳқиқот бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои омӯзиш, таҳлил ва арзёбии ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ ва меъмории ноҳияи Данғараро дар давраи асримиёнагӣ ба таври маҷмуӣ ва муназзам мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар ин замина, марҳилаҳои омӯзиши бостоншиносии ноҳияи Данғара гурӯҳбандӣ ва даврабандӣ гардида, масъалаҳои санагузорӣ ва даврабандии ёдгориҳои асримиёнагӣ таҳлил шудаанд. Ҳамзамон, аҳаммияти онҳо дар омӯзиши таърихи асримиёнагии халқи тоҷик, хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва меъмории ёдгориҳо, робитаҳои тиҷоратӣ ва нақши онҳо дар равандҳои мубодилаи фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Саҳми дигари таҳқиқот дар муайян намудани аҳаммияти ёдгориҳои меъмории ноҳияи Данғара ҳамчун ҷузъи мероси таърихию фарҳангии асримиёнагӣ ифода меёбад.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо интихоби мувофиқи усулҳои таҳқиқоти таърихию бостоншиносӣ, таҳлили адабиёти илмӣ ва мутобиқати хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия таъмин гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқ барои омӯзиши минбаъдаи ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара ва масъалаҳои марбут ба таърихи асримиёнагии минтақа аҳаммияти илмӣ доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки онҳо барои омӯзиши амиқтари таъриху фарҳанги халқи тоҷик, бахусус таърихи ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ ва меъмории ноҳияи Данғара дар давраи асрҳои миёна, заминаи муайяни илмӣ фароҳам меоранд.

Муаллиф дар асоси таҳлили маводди мавҷуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ барои омӯзиши минбаъдаи бостоншиносии минтақа

заминаи муайяни назариявӣ фароҳам овардааст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои бостоншиносӣ, омода намудани номгӯй ва номинаҳои ёдгориҳо, таҳияи мақолаҳо ва монографияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи асарҳои дастаҷамъӣ оид ба таърихи халқи тоҷик истифода шаванд.

Ҳамзамон, мазмун ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд барои таҳияи маводди таълимӣ ва таълими курсҳои академии «Асосҳои бостоншиносӣ», «Бостоншиносии асримиёнагӣ» ва дигар фанҳои марбут ба таърих ва фарҳанги Тоҷикистон истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо саҳеҳии маълумоти истифодашуда, ҳаҷм ва гуногунҷанбаи маводди таҳқиқотӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи таҳлили илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва истифодаи натиҷаҳои корҳои назариявию саҳроии бостоншиносӣ таъмин гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси таҳлили муқоисавӣ ва илмии маводди таърихию бостоншиносӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва маълумоти бадастомада дар рафти корҳои саҳроӣ, аз ҷумла ҳафриёти бостоншиносӣ, таҳия шудаанд.

Ҳаҷм ва гуногунҷанбаи маводди истифодашуда имкон додааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои мушаххас асоснок гардида, масъалаҳои мавриди омӯзиш воқеъбинона арзёбӣ шаванд. Хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ такя намуда, бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат доранд. Ин омилҳо саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, дар интихоби самти таҳқиқ, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои илмӣ, таҳияи заминаи

сарчашмашиносӣ ва ҷамъовариву коркарди маводди зарурии илмӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф мустақилона маводди зарурии таҳқиқотиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро мавриди таҳлилу арзёбии илмӣ қарор додааст. Муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳиян Данғара аз ҷониби довталаб мустақилона ва бо истифода аз усулҳои мувофиқи таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Аз ин рӯ, саҳми шахсии довталаб дар ҷамъоварӣ, низомноккунӣ, таҳлил ва арзёбии илмии маводди марбут ба таърихи ташаккул ва рушди ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, инчунин дар таҳияи хулоса ва тавсияҳои илмии диссертатсия ба таври возеҳ инъикос ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки довталаб дар анҷом додани таҳқиқоти мустақили илмӣ қобилияти зарурӣ дошта, саҳми шахсии ӯ дар таҳияи диссертатсия назаррас мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои мақолаҳои мазкур ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд буда, натиҷаҳои асосии диссертатсия ва автореферат инъикос менамоянд.

**Арзёбии мазмун ва дараҷаи ба итмом расидани диссертатсия.** Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) кори илмии баитмомрасида ба ҳисоб рафта, мутобиқи талаботи

муқарраргардидан Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият дароварда шудааст.

**Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда (182 номгӯй) ва замима иборат буда, дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқат намуда, маводди диссертатсия аз рӯйи принсипҳои проблемавӣ ва хронологӣ ҷойгир карда шудааст.

Дар муқаддима аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлил шудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои назариявӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, доираи хронологии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби аввал **«Маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара»** оид ба мавқеи ҷуғрофӣ, таърих, сохтори маъмурию ҳудудӣ, хусусиятҳои табиӣ ва иқлимӣ, аҳолӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва мавқеи ноҳия дар низоми маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал ва таҳлилӣ пешниҳод гардидааст.

Зербоби дуюми боби аввал **«Марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара»** ба раванди ташаккул ва рушди таҳқиқоти бостоншиносӣ, ҷараёни корҳои саҳроӣ ва натиҷаҳои бадастомада бахшида шудааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои ноҳияро ба тарзи зерин гурӯҳбандӣ кардааст: марҳилаи аввал – давраи ибтидоии корҳои иктишофӣ (солҳои 1942–1950); марҳилаи дуюм – давраи

гузаронидани ҳафриёти мақсадноки ёдгориҳои бостоншиносӣ ва бақайдгирии мунтазами онҳо (солҳои 1955–1990); марҳилаи сеюм – давраи эҳё ва рушди таҳқиқоти мустақили бостоншиносӣ дар замони истиқлоли давлатӣ (солҳои 1997–2024).

Зербоби сеюми боби аввал **«Шарҳи топонимӣ ва масоили санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара»** ба таҳлили пайдоиш ва маънои топоними «Данғара», инчунин масъалаҳои санагузории ёдгориҳои бостоншиносӣ дар асоси маводди таҳқиқоти бостоншиносӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара»** ном дошта, аз чор зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби дуюм **«Ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асрҳои миёнаи ноҳияи Данғара (асрҳои III–VIII)»** ба масъалаҳои марбут ба фарҳанги моддии давраи асримиёнагии барвақт бахшида шудааст. Дар ин бахш натиҷаҳои таҳқиқи ёдгориҳои Сари Купрук, маҷмааи Кампиртеппа, Дунчагтеппа, Духтарқалъа ва Гирдоб-1 мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII ноҳияи Данғара»** масъалаҳои марбут ба давраи асримиёнагии мутараққӣ (асрҳои IX–XII), аз ҷумла ёдгориҳои Қалъаи Чортеппа, Тоҷикқалъа ва маҷмааи ёдгориҳои Иттиҳод 1–5 (Ҷетерган 1–5)-ро фаро мегирад.

Зербоби сеюми боби дуюм **«Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII–XVIII)»** ба таҳқиқи шаҳраки қадимаи Данғара, хумдони хиштпазӣ ва ёдгории Хусравқалъа бахшида шудааст.

Зербоби чоруми боби дуюм **«Аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик»** ба масъалаҳои арзиши илмӣ, таърихӣ ва фарҳангии ёдгориҳои

бостоншиносии ноҳия бахшида шуда, аҳаммияти онҳо дар омӯзиши таърихи асримиёнагии минтақа баррасӣ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Ёдгориҳои меъмории асрҳои миёнаи ноҳиян Данғара»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби сеюм **«Ёдгориҳои меъмории мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ ва мақбараи Мавлоно Обидин»** ба таҳлили марҳилаҳои омӯзиш ва таҳқиқи ёдгориҳои меъмории мазкур бахшида шудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин»** ба масъалаҳои марбут ба марҳилаҳои омӯзиш ва таҳқиқи ёдгории мазкур бахшида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва тарзи барасмиятдарорӣ ба талаботи муқарраргардидаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи мазкур ҳамчун кори илмии баанҷомрасида дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ таҳия гардида, ба талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотӣ бо риояи меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, сохтор ва тарзи ороиши он ба талаботи муқарраргардида мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Тахассуси илмии довталаб Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D020801 – Бостоншиносӣ мувофиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат низ қобили дастгирист, ки муаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ маводди фаровони таърихию бостоншиносиро ҷамъоварӣ ва ба низом даровардa, бо истифода аз муносибатҳои илмӣ масъалаҳои мавриди таҳқиқро пайдарпай баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда ба таҳлили маводди таърихию бостоншиносӣ такя намуда, барои ташаккули тасаввуроти мукаммал оид ба таърихи ташаккул ва рушди робитаҳои таърихию фарҳангӣ ва тиҷоратии минтақа мусоидат менамоянд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро ба манфиати таҳқиқоти минбаъдаи диссертант зарур меҳисобем:

1. Дар баъзе бахшҳои диссертатсия масъалаҳои алоҳида ба таври нисбатан умумӣ баён гардида, имкони таҳлили амиқтари онҳо вуҷуд дошт. Тавсеаи таҳлили муқоисавӣ ва ҷалби маводди иловагии бостоншиносӣ метавонист баъзе хулосаҳои пешниҳодшударо боз ҳам мукаммалтар намояд.

2. Дар диссертатсия танҳо як қисми ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, муаллиф тавонистааст дар доираи маводди интихобшуда масъалаҳои асосии таҳқиқро баррасӣ ва ҷамъбаст намояд.

3. Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара бо баъзе ёдгориҳои ҳамзамони дигар минтақаҳои таърихию фарҳангии Тоҷикистон кам муқоиса карда шудаанд. Тавсеаи чунин таҳлил дар таҳқиқоти минбаъда метавонад барои муайян намудани хусусиятҳои маҳаллӣ ва робитаҳои фарҳангии минтақа имкониятҳои бештар фароҳам оварад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои ҷузъии имлоӣ ва техникии матн ба назар мерасанд, ки хусусияти таҳрирӣ дошта, ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Камбудиҳои зикршуда ба арзиши илмӣ ва сатҳи умумии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар корҳои минбаъдаи илмии диссертант метавонанд ба такмили бештари таҳқиқот ва баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои илмӣ мусоидат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020801 – Бостоншиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд. Дар он натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ба таври кофӣ шарҳ дода шуда, хулосаҳои диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) таҳқиқоти мустақили илмии баанҷомрасида буда, аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррагардида ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Муаллифи диссертатсия Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Асоев С.У. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10 сентябри соли 2026, таҳти суратҷаласаи № 2, дар асоси натиҷаҳои баррасии диссертатсия, маърузаи довталаб ва муҳокимаи аъзои кафедра тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 9 нафар иштирок намуданд, ки аз онҳо 6 нафар дорои дараҷаҳои илмӣ мебошанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 9 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих**
**дотсенти кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва бостоншиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Баротзода Нигина Барот**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи таърихи дунёи**
**қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади**
**илмҳои таърих** **Асоев Сабзалӣ Убайдович**

**Котиби ҷаласа** **Абдулҳаев Шокир Исмоилович**

**Имзои Баротзода Н.Б., Асоев С.У.**
**ва Абдулҳаев Ш.И.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«____»______________с. 2026**

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. Рӯдакӣ 17.